«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
«30» _____09_____ соли 2022

# ХУЛОСАИ

**Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)**

Диссертатсия дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) иҷро шудааст.

Даври аввали муҳокима ва экспертизаи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ суратҷаласаи №10, аз 28.05.2022 гузаронида шудааст.

**Мутобиқи ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)» иртибот дошта, ҷиҳати рушди забони адабии ҳозираи тоҷик ва вазъи кунунии он, таҳияи дастурҳои таълимӣ-методӣ аз фанҳои услубшиносӣ, ҳусни баён, маданияти сухан, калимасозӣ, лексикология, морфология, синтаксис ва

тавсеаи нутқи адабии маданияти омӯзгорону муҳаққиқон, донишҷӯён ва дигар шаҳрвандон мусоидат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ комилан мувофиқ аст. Автореферат ва 24 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 10-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар ҳамоишҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он метавонанд, дар омӯзиши осори Абдулҳамид Самад дар таҳияи китоб ва дастури таълимӣ аз фанни забони адабии ҳозираи тоҷик (луғатшиносӣ, сарф), курси семинарҳои ихтисос доир ба забони осори хаттӣ дар тахассусҳои филологии мактабҳои олии кишвар, таҳияи фарҳангҳои осори адибони ҷудогона ва ҳамчунин фарҳангҳои забони адабии муосири тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро, ҳамчунин, дар курсҳои махсуси назарияи калимасозӣ ва услубшиносии тоҷик метавон истифода кард.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи мазкур бори аввал дар забоншиносии тоҷик, мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифта, дар ин замина роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад ҳоизи аҳамият мебошад.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои унвонҷӯ илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) барои дифоъ тавия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 24.09.2022, № 2 қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 20 нафар:
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.
Протоколи № 2 аз 24.09.2022

**Раисикунанда:** раиси Шурои олимони факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ, доктори илми филология, профессор — Восиева Р.Қ.

**Ташхисгарон:**
Ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, д.и.ф., профессор — Мухторов З. М.

Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ — Алиев О.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шурои олимони факултети филологияи тоҷик, н.и.ф., муаллими калон — Юсупов Ш.Р.

Имзоҳои Восиева Р.Қ., Мухторов З.М., Алиев О., Юсупов Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.rj
www.tgpu.tj